# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

1. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бо печидаву мураккаб гаштани вазъи сиёсии ҷаҳонӣ, дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва суръати бештар гирифтани ҷаҳонишавӣ тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ осебпазирии истиқлолияти давлатиро беш аз пеш меафзояд. Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Солҳои охир дар натиҷаи торафт густариш пайдо кардани фаъолияти гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ вазъи ҷаҳон ба дараҷае ҳассосу печида ва мураккабу пешгӯинашаванда гардидааст, ки ягон кишвар кафолати эмин мондану дар канор будан аз ин раванди хатарнокро надорад». Дар чунин шароит доштани қувваҳои мусаллаҳ дар баробари аз муҳимтарин рукнҳои давлатдорӣ будан боз кафили боэътимоди миллат дар ростои таҷовузҳои хориҷӣ ва эътидолбахши хатарҳои сатҳи дохилӣ унвōн мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии институти уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, дар таквият ва таҷдиди он мусоидат менамояд.

Ҳарчанд дар робита ба паҳлуҳои ҳуқуқии институти уҳдадории ҳарбӣ донишмандони хориҷӣ таваҷҷуҳ намуда бошанд ҳам, вале то имрӯз

ҳарбӣ донишмандони хориҷӣ таваҷҷуҳ намуда бошанд ҳам, вале то имрӯз уҳдадории ҳарбӣ, ба истисної ба нашр расидани баъзе мақолаҳо, объекти таҳқиқи бевоситаи олимони тоҷик нагардидааст, дар ҳоле ки коркарди масъалаҳои марбут ба уҳдадории ҳарбӣ аз ҷиҳати назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ зарур ба шумор меравад.

Воқеан, имрӯз Тоҷикистон соҳиби Қувваи Мусаллаҳест, ки марзу буми Ватанро аз ҳар гуна таҷовузҳои нигаҳ дошта, оромиву осудагӣ ва амнияти мардумро таъмин месозад. Тавре Пешвои муаззами миллат иброз доштаанд: «Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз оғози замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо ва бо дарназардошти вазъи мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир ҳамаи тадбирҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва иқтидори мудофиавии мамлакат амалӣ карда истодааст». Барои танзими хидмати ҳарбӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ чандин қонуну қарор қабул карда шудааст. Ба таъкиди диссертант, «институти уҳдадории ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи ислоҳоти тадриҷӣ ва мунтазамро аз сар мегузаронад. Ин, пеш аз ҳама, дар тағйир додани шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ зоҳир мегардад. Навовариҳои аз ҳама намоён ва бунёдӣ дар ин самт ҷорӣ намудани хизмати алтернативии шаҳрвандӣ (сафарбаркунӣ) буда, ҳамзамон, ҷалби шахсони дорои маълумоти олиро дар бар мегирад». Ин бошад, ҳуқуқшиносони ватаниро уҳдадор менамояд, ки ба масъалаи мазкур аз паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқӣ-меъёрӣ таваҷҷуҳ карда, барои боз ҳам ташаккул додани он тавсияву пешниҳодҳо намоянд.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявии институти уҳдадории ҳарбӣ дар алоқамандӣ бо таҷрибаи кишварҳои дигар дар замони муосир заруратро металабад ва интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур маҳз бо дар назар доштани ҳамин гуфтаҳо асос ёфтааст.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлил ва

омӯхтани омилҳое мебошад, ки дар ҷалби ҷавонон ба хидмати ҳарбӣ ва эҳсоси масъулият намудани ҳар шаҳрванд дар ростои ҳифзи Ватан мусоидат менамояд. Ҳамин аст, ки дар диссертатсия ба мафҳуми ватандӯстӣ ва нақши он дар иҷрои уҳдадории ҳарбӣ таваҷҷуҳи хосса карда шудааст.

2.Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз руйи он ба Шурои диссертатсионӣ мутобиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 ададі онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Маҳмадшариф

Нозим истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муминзода Маҳмадшариф Нозим маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Мукарризони расмӣ аз руйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Буризода Эмомалӣ Бозор – Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

- Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3.Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқ Куканов А.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
02. июля 2024